106550 - Пеш аз эҳром хушбӯй задан мустаҳаб аст

савол

Пеш аз эҳром хушбӯй задан чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Хушбӯй задан дар ҳангоми эҳром бастан баъд аз ғусл суннат аст, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) барои эҳрооми худ хушбӯй менамуд. Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) фармудааст: **«Ман расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод)-ро барои эҳромаш пеш аз ин ки эҳром бипӯшад, хушбӯй менамудам».** Ва дурахшиши мушк дар фарқи сари ӯ дар ҳангоми эҳром дида мешуд". Поёни сухан.

"Маҷмӯу фатово"-и Ибни Усаймин (9/22).